Барномаи идораи марзҳо дар Осиёи Марказӣ (БОМКА)

Ҳамкори амалиёт

аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад

аз ҷониби БРСММ амалӣ мегардад

**ПРЕСС-РЕЛИЗ**

# СЕМИНАР ОИД БА БЕХАТАРИИ ҲУҶҶАТГУЗОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***ш. Душанбе, Тоҷикистон (30 октябри с. 2013)*** – Понздаҳ нафар кормандони Кумитаи ҳифзи сарҳадоти сарҳади давлатии ҶТ дар семинари серӯза оид ба бехатарии ҳуҷҷатгузорӣ ширкат менамоянд. Семинари мазкур аз ҷониби Барномаи БОМКА (сарпарасташ – Иттиҳоди Аврупо, амаликунанда – БРСММ) дар ҳамкорӣ бо Маркази Байналмилалии Сиёсати Рушди Муҳоҷират (МБСРМ) ташкил карда шудааст.

Системаи аврупоии ҳифзи ҳуҷҷатҳо дар асоси системаи сезинагии комплексии ҳифзи ҳуҷҷатҳо тартиб дода шудааст. Дар чорчӯбаи барномаи БОМКА, дар моҳи апрели соли ҷорӣ семинар барои кормандони  зинаи дуюм баргузор гардида буд. Кормандони салоҳиятдори назорати марзӣ, ки дорои таҷриба ва дониши кофӣ оиди бехатарии ҳуҷҷатгузорӣ (усулҳои асосии чоп кардан, элементҳои ҳифзи ҳуҷҷатҳо, ба тартибдарории ҳуҷҷатҳо ва ғ.) мебошанд, аллакай аз семинар оиди кори амалӣ бо ҳуҷҷатҳо ва ҳолатҳои воқеӣ гузаштаанд.

Семинари зинаи баландтар, ки дар ҳафтаи ҷорӣ баргузор гардид, ба фаҳмонда додани тартиботи таъмини назорати ҳуҷҷатҳо аз ҷониби кормандони  зинаи сеюм (баландтар), ки онҳо назорати корҳои кормандони  зинаи дуюмро низ амалӣ мекунанд, бахшида шудааст. Ширкаткунандагони семинар дар якҷоягӣ бо ду мутахассис аз Иттиҳоди Аврупо мавзӯъҳои зерин: муқоисаи усули муқаррарии чопкунӣ бо усули рақамии чопкунӣ, истифодаи маълумотҳои биометрӣ дар ҳуҷҷатҳо, ҳифзи иттилооти шахсӣ ва санҷиши мусофирон дар ҷараёни убури сарҳадро баррасӣ намуданд.

Ҳадафи барномаи БОМКА ин кӯмак намудан дар такмили бехатарӣ дар Осиёи Марказӣ, мусоидат намудан дар қонунӣ гардонидани тиҷорат ва транзит ва ҳамчунин пешгирӣ намудани убури ғайриқонунии одамон тавассути сарҳадоти Осиёи Марказӣ мебошад.

Барномаи БОМКА аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардида ва фаъолиятҳои он тавассути БРСММ ва Маркази Байналмилалии Сиёсати Рушди Муҳоҷират (МБСРМ) амалӣ мешавад.

***Барои дарёфт намудани иттилооти бештар*** *хоҳишмандем ба Сӯҳроб Қаҳоров, Менеҷери Барномаи БОМКА дар ҶТ  бо имейли зерин suhrob.kaharov@undp.org; ва ё тел.: (44) 6005527/28 муроҷиат намоед.*